**ТАҚРИЗИ**

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Фархудинов Ҷамшед Исроилович дар мавзуи “Танзими хуқуқии шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.03 - Ҳуқуқи граждани; хуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ**

Мубрамияти мавзуъ. Рушди муносибатҳои нави ҷамъиятӣ, шаклҳои нави хоҷагидорӣ, истеҳсолӣ маҳсулотҳои гуногуни хоҷагии халқ, истифодаи самараноку оқилонаи замин, ҳифзи заминҳои корам ва дар ин самтҳо пайдо шудани хавфҳо зарурияти суғурткунии заминҳои таъиноти кишоварзиро ба миён овардааст.

Мувофиқи маълумотҳои Кумитаи ҳолатҳои фавкулода ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати ҶТ дар давраи соҳибистиқлолии кишвар, ба ҳисоби миёна дар ҳар ду рӯз як офати табиӣ ба вуҷуд омадааст, ки аз ин намуди офати табиии нисбатан паҳншуда (ба ҳисоби миёна 70 ҳолат дар як сол) ин омадани сел ва фаромадани тарма мебошад, ки дар худ хисоротҳои калони иқтисодиву иҷтимоӣ ва талафотҳои ҷониву молиро ба бор овардааст. Омадани сел ва боридани жолаҳои пайдарпай бештар ба сектори кишоварзӣ, бахусус ба заминҳои таъиноти кишоварзӣ таъсири худро расонида истодааст.

Ҳамаи ин ҳолатҳои табиӣ боис ба он гаштаанд, ки дар бозорҳои дохили маҳсулотҳои кишоварзӣ камчин гардида, арзишашон нисбатан баланд гарданд. Мувофиқи маълумотҳои Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии ҶТ, ба ҳолати 1 январи соли 2022 дар истифодаи корхонаю ташкилотҳои кишоварзӣ 6 миллиону 953 ҳазору 866 гектар замин, аз он 682 ҳазору 828 гектар замини обӣ қарор дорад. Заминҳои таъиноти кишоварзӣ дар муқоиса бо ҳисоботи солонаи замин ба ҳолати 1 январи соли 2021 майдони умумии 24 ҳазору 349 гектар, аз он 2 ҳазору 96 гектар замини обӣ кам шудааст. Заминҳои корами ҷумҳурӣ 205 гектар ва майдони корами обӣ 246 гектар кам шудааст, дар ҳоле, ки Тоҷикистон, аслан кишвари аграрӣ буда, аз лиҳози ҷуғрофӣ барои истеҳсоли маҳсулотҳои кишоварзӣ созгор мебошад. Гузашта аз ин, шумораи умумии аҳолӣ рӯ ба афзоиш дорад, ки қонеъ гардонидани талаботи биологиву экологии онҳо аҳаммияти стратегӣ дорад.

Ҳамин тавр истифодаи самараноку оқилонаи қитъаҳои замин, рушди босуръату бемайлони истеҳсоли маҳсулотҳои кишоварзӣ, таъмини бозори дохилӣ бо маҳсулотҳои аз лиҳози экологӣ тоза ва

содироти он ба кишварҳои хориҷӣ суғуртакунии заминҳои таъиноти кишоварзӣ зарур ва саривақтӣ мебошад.

Дар робита ба рушди босуръати бозори хизматрасониҳои суғуртавӣ ба муомилоти маданӣ ворид гардидани замин, нақши суғуртакунии қитъаҳои заминҳои таъиноти кишоварзӣ нақшу аҳамияти шартнома ҳамчун воситаҳои асосии барасмиятдарорӣ ва танзими муносибатҳо дар соҳаи хизматрасониҳои суғуртавӣ баландтар мегардад.

Дар ин миён механизми танзими ҳуқуқии муносибатҳои вобаста ба хизматрасониҳои суғуртавӣ хусусан қисмати асосии шартномавии он ба андозаи кофи ба вазъи муосири муомилоти мадании хизматрасониҳои суғуртавӣ ҷавобгӯй намебошад.

Боби 53 КМ ҶТ ба "Суғуртакунӣ" бахшида шудааст, ки аз 45 м. иборат буда дар онҳо меъёрҳои умумӣ ва махсуси суғуртакунӣ пешбинӣ шудааст. Аммо нисбат ба суғуртакунии заминҳои таъиноти кишоварзӣ умуман сухан намеравад.

Зимнан моддаҳои мазкур қоидаҳои умумӣ ва якхелаи намудҳои шартномаи суғуртаро муайян мекунад. Ҳол он ки ҳар қадами ин шартномаҳо дорои хусусиятҳои муҳиме мебошанд, ки аз предмети онҳо бармеоянд.

Заминаи кунунии меъёрии ҳуқуқии шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ ба ин васила ба таҷдид ниёз дошта, баъзе масъалаҳои муҳимми дигари марбут ба мафҳумҳои "шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ бо дастгирии давлатӣ", "шартномаи суғуртаи хоҷагиҳои кишоварзӣ", "шартномаи суғуртаи истеҳсол, нигаҳдорӣ ва фурӯши маҳсулотҳои кишоварзӣ" ва таносуби байни онҳо, мафҳуму тавсифи ҳуқуқии шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ, предмет ва шартҳои дигари шартнома ва ғайра баҳсбарангез боқӣ мемонда дар навбати худ, таҳлили амиқи илмиро бо мақсади такмили минбаъдаи механизми танзими ҳуқуқии суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ, хусусан танзими шартномавии онҳо талаб мекунад.

Аз ин рӯ, аз нигоҳи илмӣ-назариявӣ таҳқиқоти диссертатсионии мазкур мубрам ба ҳисоб меравад.

Мақсади таҳқиқот. Мақсади таҳқиқи илмии мазкур таҳлили ҳамаҷонибаи танзими ҳуқуқии суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ, инчунин, таҳияи тавсияву пешниҳодҳои амалӣ оид ба такмили механизми танзими ҳуқуқии чунин хизматрасониҳо мебошад.

Дар доираи мақсадҳои гузошташуда иҷро кардани вазифаҳои зерин дар назар аст:

- муайян кардани мафҳуми “суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ” ва муқаррар кардани робитаи он бо мафҳуми “суғуртаи замин”;

- таҳқиқи сарчашмаҳои танзими ҳуқуқии суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ;

- муайян кардани таърифи мафҳум ва табиати ҳуқуқии шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ;

- тавсифи ҳайати субъектони шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ;

- шарҳ додани хусусиятҳои хоси бастани шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ;

- ошкор намудани тавсифоти ҷавобгарӣ дар доираи ҳуқуқи маданӣ барои вайрон кардани уҳдадориҳои шартномавии суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ.

Асосҳои методологии ин таҳқиқотро усулҳои таърихӣ, диалектикӣ, мантиқӣ, усули муқоисавӣ – ҳуқуқӣ, инчунин таҳлили низомноки ҷараёнҳои аҳамияти ҳуқуқӣ дошта ташкил медиҳанд. Истифодаи ин усулҳо имкон фароҳам овард, ки масъалаҳои танзими шартномавии суғуртаи қитъаи заминҳои таъиноти кишоварӣ объективона ва ба шароити Тоҷикистон мувофиқ таҳлил карда шавад.

Бояд тазаккур дод, ки таҳкиқоти диссертатсионии Фархутдинов Ҷ.И. дар муҳити илми ҳуқуқшиносии ватанӣ аз зумраи нахустин таҳқиқоти диссертатсионӣ мебошад, ки дар он паҳлуҳои назариявӣ ва амалии суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Диссертант вазифахои гузоштаи худро дар самти таҳқиқоти диссертатсионии мазкур тавассути нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳоднамудааш пурра инъикос намуда, ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои худ аз сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ, қонунгузории миллӣ, санадҳои меъёрии хуқукии байналмилалӣ оид ба суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ, қонунгузории давлатхои алоҳида дар ин самт, инчунин аз андешаву назари олимони дохиливу хориҷӣ истифода намудааст, ки онҳо дар маҷмуъ навгонии таҳқиқоти диссертатсиониро таъмин намудаанд.

Нуктаҳои илмие, ки ба химоя пешниҳод шудаанд, ҷанбаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ, назарӣ ва амалии суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзиро ифода менамоянд. гузошташударо дар рисолаи илмӣ

таҷассум менамоянд.

Бояд қайд намуд, ки асоснокӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот ба тахлили воқеъбинона ва ҳаматарафаи пажуҳишҳои назариявӣ ва амалии марбут ба паҳлуҳои гуногуни суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ, таҳлили натиҷа ва хулосахои дар илм пазируфташуда, мафҳумҳо, ақидаҳо ва тавсияҳои назарию амалии муаллиф, нуктаҳои илмии таҳқиқот ва тавсияҳо, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории миллӣ бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ ва давлатҳои алоҳида дар ин самт, таҳқиқи ҳолати кунунӣ, дурнамо ва роҳҳои таҷдиди татбиқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, асос ёфтаанд.

Навоварии илмии таҳқиқотдар доктринаи ҳуқуқиие, ки бори аввал дар Тоҷикистон пешниҳод гардида, таҳқиқоти ҳамаҷонибаи моҳияти суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзиро аз лаҳзаи бастани он аз ҷониби тарафхо то лаҳзаи эътироф ва мавриди иҷро қарор додааст, ташкил додааст.

Хусусияти фарққунандаи рисолаи пешниҳодгардида дар он аст, ки он на танҳо ба проблемахои мубрами суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ дар Ҷумхурии Тоҷикистон, инчунин дар кишварҳои хориҷӣ низ таваҷҷӯх менамояд. Ба тамоюлхои нави доктринаи ҳуқуқӣ, ки дар нашрияҳои хориҷӣ инъикос шудаанд, баҳо дода шудааст.

Аҳамияти назариявии таҳқиқот дар омузиши доктринаи муосири ҳукукии хам ватанӣ ва ҳам хориҷӣ бо мақсади муайян кардани тамоюлҳои пайдошаванда вобаста ба мавзуи таҳқиқот ифода ёфтааст. Таҳлили конунгузории як қатор давлатҳо имкон медиҳад, ки табиати муайянгардидаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ ҳамчун институти мустақили ҳуқуқӣ, пешниҳод карда шудааст.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он таҷассум меёбад, ки тавсияву пешниҳодоти дар он овардашударо барои такмили минбаъдаи механизми танзими ҳуқуқии муносибатҳои соҳаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ истифода бурдан мумкин аст.

Аз натиҷаҳои таҳқиқ муаллиф ҳангоми гузаронидани машғулиятҳои мақсадноки амалӣ аз фанни ҳуқуқи маданӣ ва ҳуқуқи суғуртавӣ дар ДМТ ва ташкилотҳои суғуртавӣ истифода бурдааст.

Муҳтавои асосии диссертатсия дар 8 мақолаи илмӣ-оммавии унвонҷуй дарҷ шудаанд, ки аз ин шумора 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсияшавандаи Комиссияи олии аттестатсионӣ назди Президенти ҶТ ба табъ расидааст. Зикр намудан ба маврид аст,

ки теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои амалии муаллиф инъикоси худро ёфтаанд.

Диссертатсияи Фархутдинов Ҷ.С. ба талаботи бандҳои 31 ва 33 Тартиби додани дараҷахои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ сахми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Хулоса, рисолаи диссертатсионии Фархудинов Ҷамшед Исроилович дар мавзуи “Танзими ҳуқуқии шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон” ба талаботҳо оид ба корхои диссертатсионӣ дар мавриди дарёфти дараҷаи илмии номзади илм мувофиқ буда, муаллифи он сазовори ноил гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи граждани; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мебошад.

**РОҲБАРИ ИЛМӢ:**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,**
**профессори кафедраи хуқуқи**
**мадании факултети ҳуқуқшиносии**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** **Қ.Ш. Қурбонов**

20.12.23

ИМЗОИ ПОДПИСЬ Қурбонов Қ. Ш.
ТАСДИҚ МЕКУНАМ / ЗАВЕРЯЮ
Сардори РК ва КМ ДМТ / Начальник УК и СЧ ТНУ
Тавқиев Э. Ш. (имзо-подпись)

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН TAJIK NATIONAL UNIVERSITY УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ И СПЕЦЧАСТИ